**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**

**Дар бораи Номгӯии касбу вазифаҳо дар ташкилоту муассисаҳои илмӣ, маориф, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ, ки кор дар онҳо ба рухсатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда ҳуқуқ медиҳад**
(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.12.2018 №580)

Мутобиқи моддаи 94 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.12.2018 №580)*:

1. Номгӯйи касбу вазифаҳо дар ташкилоту муассисаҳои илмӣ, маориф, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ, ки кор дар онҳо ба рухсатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда ҳуқуқ медиҳад, тасдиқ карда шавад (замима мегардад) *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.12.2018 №580)*.
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005, №285 "Дар бораи тасдиқи Номгӯи касбу вазифаҳо дар ташкилоту муассисаҳои илмӣ, таълимӣ, кӯдакона ва маданию равшаннамоӣ, ки кор дар онҳо ба рухсатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда ҳуқуқ медиҳад" аз эътибор соқит доиста шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 31 августи соли 2007 №451
ш. Душанбе

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 31 августи соли 2007 №451
тасдиқ шудааст

**Номгӯйи касбу вазифаҳо дар ташкилоту муассисаҳои илмӣ, маориф, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ, ки кор дар онҳо ба рухсатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда ҳуқуқ медиҳад**

Ба кормандоне, ки ба рухсатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда ҳуқуқ доранд, рухсатӣ бо давомнокии зерин дода мешавад:

1. Барои ташкилоту муассисаҳои илмӣ ва илмию тадқиқотӣ:

а) ба директорон ва муовинони онҳо оид ба корҳои илмӣ, мудирони шӯъбаҳо, зершӯъбаҳо, бахшҳо ва лабораторияҳо, котибони илмӣ, кормандони илмӣ, (сарходими илмӣ, ходими пешбари илмӣ, ходими калони илмӣ, ходимони илмӣ ва хурди илмӣ), дорои:

- дараҷаи илмии доктори илм - 56 рӯзи тақвимӣ;
- дараҷаи илмии номзади илм - 42 рӯзи тақвимӣ;
- ходимони илмӣ ва хурди илмие, ки дараҷаи илмӣ надоранд - 30 рӯзи тақвимӣ;

б) ба саркитобдорон ва китобдорони калон, саркитобшиносон ва китобшиносони калон, муҳаррирони калон, дорои:

- дараҷаи илмии доктори илм - 48 рӯзи тақвимӣ;
- дараҷаи илмии номзади илм - 36 рӯзи тақвимӣ;
- ашхосе, ки дараҷаи илмӣ надоранд - 30 рӯзи тақвимӣ;

в) ба тармимгарон ва лаборантҳое, ки маълумоти пурраи олӣ ё миёнаи махсус доранд - 28 рӯзи тақвимӣ.

г) ба кормандони техникӣ ва хизматрасонӣ - 28 рӯзи тақвимӣ.

2. Барои китобхонаҳо: китобхонаҳои илмӣ, илмию техникӣ, соҳавӣ, оммавӣ, китобхонаҳои назди ташкилоту муассисаҳои илмӣ ва илмию тадқиқотӣ, ҳамаи намудҳои муассисаҳои таълимӣ, дигар китобхонаҳо *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.12.2018 №580)*:

а) ба кормандони китобхонаҳо, ба директорон ва муовинони онҳо оид ба корҳои илмӣ, мудирони шӯъбаҳо, зершӯъбаҳо, бахшҳо, утоқҳо ва толорҳои хониш, котибони илмӣ, саркитобшиносон (библиографҳо) ва китобшиносони калон, саркитобдорон ва китобдорони калон, китобдорон-тарҷумонҳо, китобдорон ва китобшиносон, китобшиносон - муҳаррирон, муҳаррирони калон, муҳаррирон - мутахассисон ", муҳаррирон, мудирони китобхонаҳо ва шуъбаҳои онҳо, китобдорони

ҳамаи номгӯйҳо, мудирони (директорони) утоқҳои методӣ ва методистҳо оид ба корҳои китобдорӣ, осорхонавӣ, лексионӣ, гардиши дастаҷамъӣ (экскурсионӣ) ва кори клубӣ - 28 рӯзи тақвимӣ *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.12.2018 №580)*.

Башахсоне, ки унвони илмӣ доранд:

- докторони илм (профессорҳо) - 48 рӯзи тақвимӣ;
- номзадҳои илм - 36 рӯзи тақвимӣ.

3. Барои ташкилоту муассисахои таълимии системаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ, донишкадаҳои (курсҳои) такмили ихтисоси кадрҳо:

а) ба омӯзгорони таҳсилоти шакли рӯзона ва ғоибона, устоҳои таълимӣ ва дастурдиҳандагон (инструкторҳо) оид ба таълими истеҳсолӣ, устоҳои калон (механикҳои калон), устоҳо оид ба таълими истеҳсолии идоракунии автомобилҳо, мураббиён, навбатдорон оид ба реҷа, консертмейстерҳо - 56 рӯзи тақвимӣ;

б) ба ректорон, ноибони ректорҳо, директорон ва муовинони онҳо оид ба корҳои илмӣ, таълимӣ, таълимӣ-истеҳсолӣ, тарбиявӣ (иҷтамоию маишӣ) ва корҳои хоҷагӣ, котибони илмӣ, мудирони шӯъбаҳо ва бахшҳо, кафедраҳо ва тахассусҳо, сардорони қисмҳои таълимӣ, мудирони шӯъбаҳои илмию тадқикотӣ, мудирони аспирантураҳо (бахшҳо), мудирони таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён, ки дар худи муассисаи таълимӣ фаъолияти омӯзгорӣ намебаранд, методистҳо, ходимони калони илмӣ, ходимони илмӣ ва лаборантҳо -28 рӯзи тақвимӣ;

ба шахсоне, ки унвони илмӣ доранд:

- докторони илм (профессорҳо) - 48 рӯзи тақвимӣ,
- номзадҳои илм - 36 рӯзи тақвимӣ;

в) ба ректорон, ноибони ректорҳо, директорон ва муовинони онҳо оид ба корҳои илмӣ, таълимӣ, таълимӣ-истеҳсолӣ, тарбиявӣ (иҷтимоию маишӣ), деканҳои факултаҳо, мудирони шӯъбаҳо, бахшҳо, кафедраҳо ва гахассусҳо, сардорони қисмҳои таълимӣ, мудирони аспирантураҳо, мудирони таҷрибаи истеҳсолии донишҷӯён ва донишкадаҳои (курсҳои) такмили ихтисоси кадрҳо, котибони илмие, ки дар як вақт дар худи муассисаи таълимӣ фаъолияти омӯзгориро дар ҳаҷми на камтар аз 240 соат дар як сол мебаранд, роҳбарони омодагии ҷисмонӣ (тарзи ҳаёти солим) ва тайёрии то даъвати ҳарбӣ - 56 рӯзи тақвимӣ.

4. Барои мактабҳо, ташкилоту муассисаҳои томактабӣ ва беруназмактабии ҳамаи намудҳо, номгӯйҳо ва тобеияти идоравӣ:

а) Барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, (ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, иловагӣ, таҳсилоти махсус), муассисаҳои таълимӣ барои кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастормонда ва муассисаҳои дигаре, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд:

- ба директорон (мудирон), муовинони онҳо, омӯзгоронташкилотчиёни асосҳои бехатарии ҳаёт, пешоҳанг, омӯзгорон, муаллимонлсгопедҳо, сурдопедагогҳо ва дефектологҳо, мураббиён (ба ғайр аз мураббиҳои гурӯҳҳои томактабии боғчаҳои кӯдакон), мудирони шӯъбаҳои ғоибона, бунгоҳҳои таълимӣ - маслиҳатӣ, бунгоҳҳои логопедӣ, интернатҳо назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дигар зерсохторҳо, консертмейстерҳо, инструкторони меҳнат ва омодагии ҷисмонӣ, омӯзгорон - равоншиносон, омӯзгорони маълумоти иловагӣ, роҳбарони синф, муовинони директорҳо оид ба реҷа, навбатдорон оид ба реҷа - 56 рӯзи таквимӣ.

б) Барои марказҳои таълимӣ ва касбинтихобкунии байнимактабии хонандагон ва самтдории касбии хонандагон, марказҳои технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия, устохонаҳои байнимактабии таълимӣ ва таълимии истеҳсолӣ:

- ба директорон, муовинони онҳо, роҳбарони зерсохторҳо, муаллимон, омӯзгорон - равоншиносон - 56 рӯзи тақвимӣ;

в) Барои муассисаҳои махсуси таҳсилоти томактабӣ барои кӯдакони тамоили аз меъёр дур инкишофдошта, муассисаҳои таҳсилоти томактабии намуди санаторӣ барои тарбиятгирандагоне, ки ба табобати тӯлонӣ ниёз доранд:

- ба мудирон, муовинони онҳо, мураббиҳо, роҳбарони мусиқӣ, инструкторҳои варзиши бадан, муаллимон - логопедҳо, муаллимондефектологҳо, омӯзгорон - равоншиносон - 56 рӯзи тақвимӣ;

г) Барои муассисаҳои томактабии таълимии таъиноти умумӣ, гурӯҳҳои томактабии боғчаҳои кӯдакон:

- ба мудирон, муовинони онҳо, мураббиҳо, роҳбарони мусиқӣ, инструкторҳои варзиши бадан, омӯзгорон- - равоншиносон - 42 рӯзи тақвимӣ;

д) Барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ (беруназмактабӣ):

- ба директорон, муовинони онҳо, мудирони шӯъбаҳо, кабинетҳо, бахшҳо, лабораторияҳо ва дигар зерсохторҳо, омӯзгорони маълумоти иловагӣ, пешоҳангон, мураббиён, консертмейстерҳо, ташкилотчиёни

корҳои фарҳангӣ, омӯзгорон - мураббиён, инструкторҳо - методистҳо - 42 рӯзи тақвимӣ;

е) Барои кабинетҳои (марказҳои) таълимӣ, таълимӣ - методӣ ва методӣ аз он ҷумла, кабинетҳои ба сохтори муассисаҳои маълумотӣ дохилмешуда:

- ба директорон, (мудирон) муовинони онҳо, мудирони шӯъбаҳо ва дигар зерсохторҳо, методистҳо, омӯзгорон - равоншиносон , 42 рӯзи тақвимӣ;

ж) Барои хадамоти равоншиносии системаи маориф:

- ба директорон, мудирон ва муовинони онҳо, мудирони шӯъбаҳо (лабораторияҳо), омӯзгорон - равоншиносон, муаллимон-дефектологҳо, муаллимон - логопедҳо - 56 рӯзи тақвимӣ;

з) Барои сохторҳои таълимии муассисаҳои тандурустӣ:

- ба мудирони кисми педагогӣ, муаллимон, муаллимондефектологҳо, муаллимон - логопедҳо, мураббиҳо, роҳбарони мусиқӣ, омӯзгорони маълумоти иловагӣ, инструкторҳои варзиши бадан, устоҳои таълими истеҳсолӣ, пешоҳангони калон - 56 рӯзи тақвимӣ;

и) барои дигар муассиаҳои таълимие, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд:

- ба омӯзгорон - ташкилотчиён, омӯзгорони иҷтимоӣ, омӯзгорони таҳсилоти иловаги, методистҳо, устоҳои таълими истеҳсоли - 42 рӯзи тақвимӣ.

5. Барои ташкилоту муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ (осорхонаҳо, марказҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, намоишгоҳҳои бадеӣ, коххо (қасрҳо) ва хонаҳои фарҳангӣ, мамнӯъгоҳҳо, муассисаҳои клубӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, театрҳо ва муассисаи сиркӣ):

а) ба директорон ва муовинони онҳо, мушовирон, коргардонҳо, таҳиягарон, роҳбарони бадеӣ ва эҷодӣ - 30 рӯзи тақвимӣ;

б) ба роҳбарони (мудирони) шуъбаҳо ва бахшҳои фарҳангӣ, марказҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, боғҳои фарҳангӣфароғатӣ, намоишгоҳҳои бадеӣ, кохҳо (қасрҳо) ва хонаҳои фарҳангӣ, мамнӯъгоҳҳо, иттифоқҳои эҷодӣ, театрҳо (таҳиягарон, устодони балет, дирижёрон, хормейстерон, рассомон), муассисаҳои нашриётӣ, табъу нашр ва муассисаи сиркӣ - 30 рӯзи тақвимӣ;

в) ба роҳбарони (устодони) эҷодӣ ва ҳунармандон оид ба ҳунарҳои халқӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, кормандони касбии муассисаҳои клубӣ, муассисаҳои нашриёт ва табъу нашр - 28 рӯзи тақвимӣ.

6. Барои муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ (будубоши доимӣ барои маъюбон, пиронсолон, марказҳо, шуъбаҳо, бахшҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ва осоишгоҳу истироҳатгоҳҳо):

а) ба директорон, муовинон ва мудирони шуъбаю бахшҳо - 30 рӯзи тақвимӣ;

б) ба табибон, сарҳамшираҳо, ҳамшираҳои калони тиббӣ, ҳамшираҳои тиббӣ, озмоишгарон, дастурдиҳандагон оид ба муолиҷаи меҳнатӣ, ташкилкунандагони тарбияи ҷисмонии табобатӣ, мусиқӣ ва рақс, кормандони нерудармонҳо, табиатдармонҳо, маҳсгарон, ҳамшираҳои тиббии ғизосанҷ ва мураббияҳо - 30 рӯзи тақвимӣ;

в) ба кормандони иҷтимоии дорои дараҷа ва бедараҷа, ҳамшираҳои хурд ва хоҷагӣ, кормандони хурди ҳуҷраҳои табобат бо лой ва оби гарм, дастурдиҳандагон оид ба муолиҷа - 28 рӯзи тақвимӣ.